**ҚАРОРИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

аз 25 апрели соли 2026 № 6/КЭ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 мутобиқи банди 58 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Юсупов Умедҷон Сангиҳмадович дар мавзуи «Рушди таъминоти ташкилӣ-методии аудити дохилӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит барои экспертиза қабул карда шавад;
2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:
   - Раҳимов Саидалӣ Холович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
   - Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
   - Қаюмов Нуриддин Қаюмович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии худро дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар корҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Иброҳимзода И.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори фалсафа (PhD)** **Сайфиддинзода С.С.**